САРВАЗИРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПРЕМЬЕР-МИНИСТР
РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлаталӣ Саид шинос карда шавад.

**Вазорату идораҳо (тибқи рӯйхат)**

Барои маълумот ва иҷро.

Ба О. Ҷаборзода

**Қоҳир Расулзода**

№2/23-31
«15» октябри 2014

Протоколи №2/23-31
ҷаласаи Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетӣ

ш. Душанбе 7 октябри соли 2014

**Раисӣ кард:** Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон
Раиси Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетӣ Қоҳир Расулзода

**Иштирок карданд:** Давлаталӣ Саид – Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қурбонов А.К. – Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шариф Раҳимзода – Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Усмонзода У.Ю. – Вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Орумбекзода Ш. – Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тағойзода С.С. – Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рустам Шоҳмурод – Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асозода Хайрулло – Вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳотамов Д. – муовини якуми Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ширинов А. – Раиси Бонки миллии Тоҷикистон, Рустами Эмомалӣ – Сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Наҷмуддинов С.М. – Директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаборзода О.А. – Сардори Раёсати молияи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муродов Д.Ҳ. – Сардори Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Камолитдинов И.Ҷ. – Мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ, Бобоҳоҷиева Л.С. – муовини якуми Вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Солиев А.М. – муовини якуми Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Исмонов Ф.Б. – муовини Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Холов Ҳ.С. – Муовини Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Наимӣ А.Қ. – муовини Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Наҷмиддинов А.Ю. – муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Рӯзномаи ҷаласа:** баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015» ва нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2016-2017.

**Баромад намуданд:** Қоҳир Расулзода, Давлаталӣ Саид, Қурбонов А.К., Рустами Эмомалӣ, Солиев А.М., Наҷмуддинов С.М. ва дигарон.

Дар оғози ҷаласа Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Қоҳир Расулзода оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар

ВАЗОРАТИ МОЛИЯ
Р.В. № ПР-78
«20» 10 2014 г.
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015» ва нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2016-2017 сухани ифтитоҳӣ намуда, аз ҷумла қайд намуданд, ки лоиҳаи пешниҳодгардида дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2014, №1-ф ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017» таҳия гардидааст.

Дар таҳияи лоиҳаи Буҷети давлатӣ пеш аз ҳама афзалиятҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2014, вохӯриҳояшон бо намояндагони аҳли ҷомеа бармеоянд, инчунин вазифаҳое, ки аз Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015, Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2018, Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015 ва қарору барномаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳоди аъзои Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дархостҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба инобат гирифта шудаанд.

Сиёсати Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар амал татбиқ намудани сиёсати иқтисодию иҷтимоии Президенти кишвар ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардида, дар он пеш аз ҳама афзалиятҳои муҳими давлатӣ, аз ҷумла таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва бехатарии озуқаворӣ, раҳоии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ, ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ ва рушди иқтисодиёт ба инобат гирифта шудааст.

Дар соли 2015 Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мувофиқи дурнамо ба андозаи 52,8 млрд. сомонӣ, болоравии ҳаҷми истеҳсолот бо ифодаи реалӣ ба андозаи 7,2 фоиз, меъёри таваррум ба андозаи 7,5 фоиз ва индекси дефлятор 6,3 фоиз ба нақша гирифта шудааст.

Ҳаҷми умумии даромади Буҷети давлатӣ ба маблағи 15 млрд. 336,4 млн. сомонӣ ё 29,0 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ пешбинӣ мегардад, ки он нисбат ба соли 2014 ба андозаи 10,3 фоиз ё 1 млрд. 435,3 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Даромадҳои ҷории Буҷети давлатӣ бе дарназардошти грантҳо ба маблағи 12 млрд. 592,2 млн. сомонӣ пешбинӣ мегардад, ки нисбат ба нақшаи соли 2014 – 1 млрд. 526,7 млн. сомонӣ ё 13,8 фоиз зиёд мебошад.

Ҳаҷми умумии хароҷоти Буҷети давлатӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ ба маблағи 15 млрд. 600,5 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки ин нисбат ба Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 29,5 фоизро ташкил медиҳад ва нисбат ба хароҷоти соли ҷорӣ 10,3 фоиз ё ба маблағи 1 млрд. 457,3 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар лоиҳаи Буҷети давлатӣ ба маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ диққати махсус дода шудааст, яъне ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи иҷтимоӣ бо дарназардошти хароҷотҳои соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ дар соли 2015 – 8 млрд. 574,2 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли 2014-ум 905,5 млн. сомонӣ ё 11,8 фоиз афзоиш ёфта, 55,0 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти Буҷети давлатӣ ва 16,2 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

Сипас Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонов А.К. оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015» ва нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2016-2017 гузориши муфассал дод. Дар гузориш оид самтҳои асосии сиёсати Буҷети давлатӣ ва шарҳи мухтасари нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ барои солҳои 2016-2017 ахборот дода шуд.

Инчунин қайд гардид, ки даромад аз ҳисоби андозҳо ва пардохтҳои дохилӣ (Кумитаи андоз) ба маблағи 7858,6 млн. сомонӣ ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли 2014 ба андозаи 13,5 фоиз ё ба маблағи 935,1 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Даромад аз ҳисоби пардохтҳои гумрукӣ бошад, 4358,6 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2014 ба андозаи 14,7 фоиз ё ба маблағи 558,6 млн.сомонӣ зиёд мегардад.

Даромад аз андозу пардохтҳои дохилӣ дар ҳаҷми умумии даромади ҷорӣ 62,4 фоизро ташкил дода, дар доираи буҷети соли 2015 нигоҳ дошта шудааст ва пардохтҳои гумрукӣ бошанд, 34,6 фоизро ташкил дода, нисбат ба соли 2014- ум 0,3 банди фоиз зиёд мебошад.

Дар гузориш оид ба хароҷоти Буҷети давлатӣ аз рӯи соҳаҳо ахборот дода шуда, пешниҳоду таклифҳои вазорату идораҳо нисбат ба лоиҳаи Қонун қайд гардид.

Баъди гузориши Вазири молия оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015» ва нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2016-2017 Сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами Эмомалӣ баромад намуд.

Дар баромад қайд гардид, ки тибқи таҳлилҳои воридоти молҳо ва таъсири омилҳои савдои беруна нақшаи воридоти пардохтҳои гумрукӣ дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015» барзиёд ба нақша гирифта шудааст ва пешниҳод гардид, ки аз нақшаи воридоти пардохтҳои гумрукӣ 83,0 млн. сомонӣ кам карда шавад. Инчунин пешниҳод гардид, ки аз лоиҳаи Қонун масъалаи озод намудани воридоти чорвои хушзот аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда хориҷ карда шавад.

Сипас Муовини якуми Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Салиев А.М. баромад карда, вобаста ба иҷро нагардидани нақшаи андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминий қайд намуд. Мувофиқи таҳлилҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминий дар 8 моҳи соли ҷорӣ иҷро нагардидаанд.

Инчунин дар бораи масъалаи зиёд гардидани шумораи коргарон нисбат ба нафақахӯрон қайд карда шуда, вобаста ба ин пешниҳодҳо оид ба иҷрои нақшаи иҷтимоӣ манзур гардиданд.

Директори Агентии нафақа ва суғуртаи иҷтимоии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Наҷмуддинов С.М. дар баромади худ оид ба нақшаи буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа қайд намуд. Мувофиқи таҳлилҳои Агентӣ дар соли ҷорӣ қафомонии иҷрои буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа мушоҳида мешавад, ки дар соли ҷорӣ ва соли оянда он ба пардохти нафақа ва кӯмакпулиҳо таъсири манфии худро мерасонад.

Инчунин нисбат моддаҳои алоҳидаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015» якчанд пешниҳодҳо манзур гардиданд, аз ҷумла оид ба додани иҷозат ба Агентӣ оид ба ҷойгир намудани маблағҳои андӯхти нафақавии шаҳрвандон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, додани иҷозат барои ворид намудани тағйирот ба моддаҳои хароҷотии Агентӣ, инчунин ба моддаи 23 лоиҳаи Қонун пас аз калимаҳои «ошкор гардидаанд» ворид намудани калимаҳои «ба ғайр аз андози иҷтимоӣ». Аз тарафи Агентӣ вобаста ба такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли ҷорӣ пешниҳод гардид, ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2004, №294 «Дар бораи Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетӣ» тағйироти дахлдор ворид карда шавад.

Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Тағойзода С.С. дар баромади худ ҷиҳати пешбинӣ намудани маблағи иловагӣ барои таъмини маблағгузории Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2015 пешниҳод намуд.

Инчунин оид ба маблағгузорӣ намудани марказҳои машваратӣ ва омодагии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ, ки дар номгӯи ташкилотҳои системаи Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ҳамчун муассисаи давлатӣ таъсис дода шудаанд, қайд гардид. Вобаста ба зиёд намудани ҳаҷми маблағгузории сохтмони асосӣ дархост гардид.

Дар баромади худ Вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Асозода Хайрулло оид ба пешбинӣ намудани маблағ барои маблағгузории сохтмони нақби «Истиқлол», инчунин таъмини ӯҳдадориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Созишномаи грантӣ доир ба лоиҳаи азнавкунонии таҷҳизотҳои нигоҳдории роҳҳо дар вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии Ҷопон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ қайд гардид.

Муовини якуми Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобоҳоҷиева Л.С. пешниҳод намуд, ки барои кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ, инчунин барои харидории доруворӣ ва ваксина дар лоиҳаи буҷети соли 2015 маблағҳои зарурӣ пешбинӣ карда шаванд.

Муовини Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Холов Ҳ.С. оид ба пешбинӣ намудани маблағ барои соҳаи кирмакпарварӣ ва корҳои ҷустуҷӯию геологӣ пешниҳод манзур гардид.

Дар баромади Муовини якуми Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳотамов Д. оид ба пешбинӣ намудани маблағҳои зарурӣ барои рушди соҳаи боғу токпарварӣ қайд гардид.

Муовини Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Исмонов Ф.Б. оид ба пешбинӣ намудани маблағҳои иловагӣ барои сохтмони иншооти соҳаи маориф пешниҳод гардид.

Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлаталӣ Саид дар баромадашон қайд намуданд, ки пешниҳоду эродҳои вазорату идораҳо бори дигар баррасӣ карда шаванд. Пешниҳод намуданд, ки оид ба ворид намудани тағйирот ба моддаи 23 лоиҳаи Қонун доир ба муқаррарот оид ба ҳавасмандгардонии кормандон ва инкишофи заминаи моддию техникии Кумитаи андоз ва Хадамоти гумрук пас аз калимаҳои «ошкор гардидаанд» калимаҳои «ба ғайр аз андози иҷтимоӣ» илова карда шаванд. Инчунин дар лоиҳаи Қонун хатогиҳои имлоӣ ва нофаҳмиҳо мавҷуданд, ки онҳо бояд ислоҳ карда шаванд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015» ва нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2016-2017 баррасӣ ва муҳокима гардида, қарор карда шуд:

1. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Раёсати молияи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳои аъзои Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетӣ ва дигар вазорату идораҳоро, ки нисбат ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015» баён гаштанд, бори дигар баррасӣ намоянд.

2. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд ҳангоми таҳияи лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои дахлдор нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ ва буҷети давлатиро то баррасии онҳо дар ҷаласаи Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетӣ ба Раиси Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетӣ пешниҳод намояд.

3. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2013, №12 «Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ шудааст, оид ба ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2004, №294 «Дар бораи Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетӣ» пешниҳод манзур намояд.

4. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015» ва нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2016-2017 ҳамчун асос маъқул дониста шуда, ба баррасии маҷлиси Раёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон
Раиси Комиссияи
доимоамалкунандаи буҷетӣ Қоҳир Расулзода